## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Рашид Абубакр дар мавзӯи «Омӯзиши таъсири баъзе омилҳои техногенӣ ба ҳолати физиологии организми аҳолии ш. Ҳироти ҶИА» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои биологӣ аз ихтисоси 03.03.01. - физиология**

Тадкиқоти олимон нишон доданд, ки тағйирёбии ҳолати зичии аҳолӣ, иқлимӣ ба ин ё он мавзеъ таъсири манфии худро мерасонад. Дар натиҷа шуморай беморони гуногун, ба монанди маъюбон, нотавонон зиёд мегардад. Бинобар ин дар назди ҳар як давлату мамлакат масъалаи асосӣ беҳдоштӣ аҳолӣ, саломатии миллат дар ҷойи аввал қарор мегирад.

Бинобар ин муаллифи автореферати навишта шуда, ҳам кушиш ба харҷ додааст, ки паҳлуҳои асосӣ ва сарчашмаҳои пайдошавии ин бемориҳоро оид ба таъсири гуногуни омилҳои техногенӣ, химиявӣ, антропогенӣ ва ғайраҳоро тадкиқ намояд ва сарчашмаҳои асосии таъсири онҳоро муайян кунад. Сабаб он аст, ки чунин тадқиқотҳои илмӣ аввалин маротиб дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон гузаронида шудааст.

Мақсади дар пешгузаштаи муаллиф аз он иборат аст, ки таъсири баъзе омилҳои табииро ба сиҳатии аҳолии мавзеи муайяни зист омӯзад ва тағйирёбии ҳолати физиологии организм, хусусан организми хонандагонро муайян намояд. Дар асоси тадқиқотҳои худ муаллиф хулосаҳои хеле маънидод кардашударо пешниҳод намудааст, ки қобили дастгирист.

Умуман агар ба автореферати Рашид Абубакр баҳо дода шавад, пас он яке аз аввалинҳо ба шумор меравад. Автореферат бо маънои томаш фишурдаи диссертатсия буда, бо ҷадвалҳои натиҷаҳои оморӣ пешниҳод карда шудааст.

Бинобар ин ман ба автореферати пешниҳодшуда баҳои мусбат медиҳам. Ва диссертатсияи Рашид Абубакр рисолаи ба охир расонидашудаи илмӣ мебошад, барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои биология аз ихтисоси 03.03.01. - физиология арзанда аст.

Дотсенти кафедраи
Анатомия, физиология
ва тиббии варзиш /Комил/ Комилзода С.

Имзои Комилзода С-ро
тасдиқ менамоям
Н.в. Сардори шуъбаи кадрҳо
/имзо/ Деҳқонова З.